**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводди фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)**

Фарҳангнигорӣ як роҳи фарози пойдориву устувории забон маҳсуб ёфта, аз суннатҳои қадима ва раванди хеле муҳимми забоншиносист, ки бевосита дар рушду густариши забонҳо, муносибати забону муоширати халқияту миллатҳо ва шарҳи маънои вожагон муҳим буда, бо таъсири мусбати худ, барои ғановатмандӣ инъикоси бойигарии сухангустарии ҳар як забон нақши бориз дорад.

Дар таърихи фарҳангнигории миллати тоҷик таҳияи луғатҳои тафсирӣ мақоми арзанда доранд ва фарҳанги мавриди пажуҳиш қарордодаи унвонҷӯ Буриева Шаҳноза Бекмуратовна – «Бурҳони қотеъ», яке аз онҳост.

Фарҳанги мазкур, чӣ тавре ки муаллифи рисола қайд менамояд, аз тарафи яке аз қомуснигорони моҳири тоҷику форс Муҳаммадҳусайни Бурҳон дар асри XVII таълиф гардидаву то замони мо омада расидааст.

Муҳаққиқи ҷавон аз Фарҳанги мазкур, ки дорои вожагони соҳаҳои гуногун мебошад, вожагони марбут ба ҳунарҳои мардумиро мавриди пажуҳиш қарор додааст. Ҳунарҳои мардумӣ худ бахше аз мероси моддии мо соҳибзабонон мебошад, ки дар давраҳои гуногун ташаккулу таҳаввул ёфта, қисмати зиёди онҳо то имрӯз низ мавриди корбурд қарор мегиранд.

Вожаву истилоҳоти ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ, дар баробари дигар соҳаву касбу кори мардумон, аз қабили тиббӣ, кишоварзӣ, меъморӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ, бозаргонӣ, илмҳои дақиқ, техникӣ, варзиш ва ғайра таърихи куҳан дошта, аксари онҳо то имрӯз низ корбурд шуда ва қисмате аз онҳо аз истеъмол дур шуда ва ё дар ягон лаҳҷаи забони тоҷикӣ боқӣ мондаанд. Як қатор чунин вожаҳо имрӯз метавонанд муодили вожагони нави ҳунармандӣ ва ё ягон абзори он шуда тавонанд.

Муаллиф дар рисолаи худ дуруст ва бамаврид қайд мекунад, ки вожаҳои матрук ва ё камистеъмоли марбут ба ҳунарҳои мардумӣ танҳо дар фарҳангномаҳои қадимӣ боқӣ мондаанд ва имрӯз қисме аз онҳоро мо метавонем ҳамчун истилоҳи ин соҳа аз нав эҳё намудаву мавриди истифода қарор диҳем. Аз ҷониби дигар, маҳз, чунин вожаҳо бозтоби фарҳанги ниёгонамон буда, дар худ рӯзгори гузаштагонро инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, бо тафсиру таҳқиқи вожаҳои марбут ба соҳаи ҳунармандӣ, хонанда дар баробари ошно шудан ба рӯзгори гузаштагон, инчунин, ба ҳаёти моддиву маънавии эшон шинос мегардад.

Муҳаққиқи ҷавон дар рисолаи илмии худ тавассути баррасии фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» вожагони марбут ба соҳаи ҳунармандиро, ки хеле доманадоранд, дар риштаи соҳаҳои бофандагӣ, дӯзандагӣ, ресандагӣ ва пазандагӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, бойу рангин будани вожагони ин соҳаро дар кори илмии худ муваффақона нишон додааст. Ғановати вожагони  ин соҳаро унвонҷӯ дар мавҷудияти қабатҳои гуногуни маъноӣ ва гурӯҳҳои зиёди мавзуии вожагон, унсурҳои иқтибосӣ, воҳидҳои сермаънову якмаъно, муродифу муодилҳо ва калимаҳои зидмаъно, таъбирҳову таркибҳои рехта, қолибҳо ва воситаҳои калимасозиву калимабандӣ ва амсоли инҳо мантиқан ва дуруст муайян кардаву нишон додааст.

Ҳамзамон, интихоби мавзуъ аз ҷониби унвонҷӯ дуруст ва саривақтӣ буда, дорои аҳаммияти илмӣ мебошад, ки мубрамии мавзуъ дар он ифода гардидааст.

Масоили таҳқиқи этнолингвистии вожагони ҳунарҳои мардумӣ дар асоси маводди фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» дар забоншиносии тоҷик бори аввал буда, аз ҷониби муҳаққиқон ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ камтар зоҳир гардидааст.

Рисола аз феҳрасти ихтисораҳо, муқаддима, се боб, 6 фасл, 19 зерфасл, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳрасти адабиёти истифодашуда, феҳрасти интишороти илмии диссертант оид ба мавзуъ, таркиб ёфта, фарогири 208 саҳифаи чопи компютерӣ аст.

Боби аввали диссертатсия **«Асосҳои назариявии ҷанбаҳои этнолингвистии фарҳангномаҳои тоҷикӣ (форсӣ)»** унвон дошта, шомили 2 фаслу 2 зерфасл аст, ки унвонҷӯ дар хусуси таърихи пайдоиши этнолингвистика ҳамчун як соҳаи илми забоншиносӣ маълумот дода, доир ба фарҳангномаҳо ва мавқеи онҳо, ки ҳамчун сарчашмаи таҳқиқоти этнолингвистӣ, новобаста ба хусусияти таълифашон “оинаи тасвири забони миллӣ” маҳсуб меёбанд, маълумоти муфассал медиҳад.

Унвонҷӯ дар ин боби рисола доир ба фарҳангномаҳои классикии тоҷику форс иттилоъ медиҳад, ки онҳо дар таърихи забоншиносии тоҷик накши муҳим бозида, расму анъанаҳои миллии мардуми моро васеъ инъикос менамоянд.

Муҳаккиқи рисола тазаккур медиҳад, ки  Муҳаммадҳусайни Бурҳон забоншинос ва фарҳангнигори асри XVII маҳсуб шуда, дар радифи дигар фарҳангнигорон вижагиҳои фарҳангнигориро дуруст ба кор бурдаву дар рушду густариши забони тоҷикӣ бо таълифи фарҳанги «Бурҳони қотеъ», ки фарогири 20 000 моддаи луғавӣ мебошад, саҳми босазо гузоштааст. Фарҳангнома, пеш аз ҳама, ба сабку услуби «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» шабоҳат дорад ва маълум мегардад, ки муаллиф бештар ба ин фарҳангнома такя кардааст.

Муаллифи Фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» вожаву истилоҳотро бештар аз забонҳои тоҷикӣ-форсӣ, дарӣ, паҳлавӣ, юнонӣ, суриёнӣ, румӣ,

арабӣ, ҳиндӣ, туркӣ ва дигар забонҳо ҷамъоварӣ намуда, онҳоро мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф, ҳамчунин, муродифу муодил ва гунаи шевагию лаҳҷавии вожаҳоро дарҷ намуда, ҳаммаъноҳо ва зидмаъноҳои онҳоро нишон додааст, ки таҳлилу баррасии ин вожаҳо дар соҳаи ҳунармандӣ низ бештар ба назар мерасанд.

Унвонҷӯ дар боби мазкур, вожагони соҳаи ҳунармандӣ, инчунин, муродифу муодилҳои онҳоро дар соҳаҳои бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, дар бораи ҳамгуниву зидмаъноҳои онҳо низ маълумоти муфассал додааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Хусусиёти луғавӣ-семантикии истилоҳоти этнолингвистии марбут ба ҳунарҳои бофандагӣ, ресандагӣ ва дӯзандагӣ дар «Бурҳони қотеъ»** ном дошта, аз се фасл, чор зерфасл ва қисмату гурӯҳбандиҳои ҷудогонаи онҳо иборат аст. Дар ин боб муаллифи рисола таҳқиқи вожаҳо ва истилоҳоти марбут ба соҳаи бофандагӣ, ресандагӣ ва дӯзандагиро ба зерфаслу қисматҳои ҷудогона гурӯҳбандӣ намуда, онҳоро ҳамчун ифодакунандаи номи касби бофандагӣ, масолеҳи бофандагӣ, абзори бофандагӣ, маводди омодашавандаи бофандагӣ, навъҳои онҳо, макони истеҳсол ва ё рангу аломати онҳо таҳлил ва шарҳу тавзеҳ дода, муайян ва ҷудо намудааст. Инчунин, унвонҷӯ маъмулӣ ва корбурди аксари вожаву истилоҳоти ин соҳаро дар забони имрӯзаи тоҷикӣ муайян карда, эҳёи баъзе аз вожаву истилоҳоти соҳаи ҳунармандиро дар забони имрӯзаамон зарур мешуморад.

Боби охири рисола «**Таҳлили этнолингвистии луғот ва истилоҳоти ҳунари пазандагӣ дар «Бурҳони қотеъ»** номгузорӣ шуда, аз 1 фасл ва 14 зерфасл иборат мебошад, ки он бо фарогирии вожаву мафҳумоти умумии марбут ба соҳаи пазандагӣ, аз ҷумла, хӯрокпазӣ, нонпазӣ, ҳалвопазӣ ва ғайраҳо мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор мегирад. Муаллифи рисола дар ин боб дар заминаи зерфаслҳо вожаву истилоҳоти ин соҳаро бо масолеҳи омодашавандаашон ва навъҳои онҳо, инчунин, абзори онҳо мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор медиҳад.

Дар қисмати хулосаи рисола муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмию амалии таҳқиқотро дар 16 банд ҷамъбаст намуда, тавсияҳои судмандро пешниҳод намудааст, ки дар рушди минбаъда ва корбурди фаровони вожагони соҳаи ҳунармандӣ ба забони тоҷикӣ мусбат арзёбӣ мегардад..

Метавон чунин иброз дошт, ки муаллифи рисола бо пажуҳиши худ ба ҳамаи ҳадафу мақсадҳои дар пешгузоштааш муваффақ гардидааст ва дар баробари дастовардҳо чанд норасоие ба назар мерасанд, ки бознигарии онҳо барои беҳ гардидани вазъи таҳқиқ ва афзудани арзиши илмию амалии рисола аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар автореферат норасоиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар расиданд [саҳ. 10, 11, 17, 19 ва ғ.].
2. Аломатҳои китобат дар баъзе мавридҳо дуруст риоя нагардидаанд [саҳ. 10, 13, 19, 20 ва ғ.].

3. Имлои вожаи “маводи”(саҳ. 6, 9, 23 ва ғ.) бояд дар шакли дурусташ – “маводди” ислоҳ карда шавад, хубтар мебуд.

Камбудиҳои зикргардида қимати рисоларо накоста, ислоҳшаванда ҳастанд.

Фишурдаи рисола ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллиф Буриева Ш.Б. комилан мухтавои пажуҳиши муҳаққикро инъикос намудаанд. Маводди илман таҳқиқгардидаи рисола ба меъёрҳои таълифи кори илмӣ ҷавоб дода метавонад.

Хуллас, баъди бо автореферати диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводди фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» метавон иброз намуд, ки муаллифи он бо чунин таҳлилу андешаронихои илмӣ, муқоиса ва натиҷагириҳо кори илмиашро пурра ба анҷом расонидаасту он ба талаботи «Низомномаи Шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01. – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои филологӣ,
сардори шуъбаи номгузорӣ ва
танзими истилоҳоти Кумитаи забон
ва истилоҳоти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон **Зулфониён Раҳим Раҷабзода**

«16» январи соли 2025

Нишонӣ: 734013, ш. Душанбе, к. Беҳзод, 25
E-mail: zulfonov64@mail.ru
Тел.: (+992) 92 721 53 46

Имзои Зулфониён Раҳим Раҷабзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи ҳуқуқ, кадрҳо ва
корҳои махсуси Кумитаи забон
ва истилоҳоти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон **Сафарзода Эрач**

«16» январи соли 2025